# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

1. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом ба омӯзиши мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» ба ҳисоб рафта, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Ташхиси экспертӣ собит намуд, ки муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ, таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҳамзамон, тавсифи криминологии шикори ғайриқонуниро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки рисола нахустин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, масъалаи танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонуниро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ масоили ҳифзи гуногунии биологӣ, таъмини амнияти экологӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои экологии инсон аҳаммияти афзалиятнокро касб кардааст. Ин афзалиятҳо дар сиёсати миллӣ ва байналмилалӣ на танҳо дар шакли стратегияи ҳифзи табиат, балки дар фаъолияти қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ҳам инъикос меёбанд. Мувофиқи қонунгузории кишварҳои гуногун, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, шикор ба сифати яке аз намудҳои истифодаи оқилонаи захираҳои олами ҳайвонот шинохта мешавад. Дар қонунгузории кишвар тамоми шаклҳо, воситаҳо ва дигар талаботҳо ҷиҳати ба амал баровардани шикор пешбинӣ гардидааст. Вале, дар ҷомеа ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки шикори ҳайвонот бидуни риояи қоида ва талаботи муайяншуда анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, дар қонунгузории тамоми мамлакатҳо, аз ҷумла қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори

ғайриқонунӣ пешбинӣ гардидааст. Танзими ҳуқуқии ин равандҳо имкон медиҳад, ки истифодаи устувор ва масъулонаи захираҳои табиӣ таъмин гардад.

3. Муҳаққиқ зимни омӯзиши мавзуъ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муҳаққиқ ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмети) таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ

мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлили ҳамаҷонибаи илмии масъалаи таҳқиқшаванда таъмин гардида, бо истифода аз усулҳои интихобшудаи таҳқиқот, маводи мукаммали илмиву амалӣ, рисолаҳои илмӣ, таҳлили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе давлатҳои аъзои ИДМ инчунин, омӯзиши фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти мазкур, амалӣ гардидааст.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

– **Одиназода Носир Садир** – омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Қудратов Н.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи криминалистика ва фаъолияти
экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳмон С.С.

**Имзоҳои Азиззода У.А., Раҳмон С.С.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«14» 02 2026 с.

**Имзои Қудратов Н.А.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
«14» 02 2026 с.